# 5.9 (10 01 00) ФИЛОЛОГИЯ
# 5.9 ФИЛОЛОГИЯ
# 5.9 PHILOLOGY

## 5.9.2 (10 01 03) ЛИТЕРАТУРА НАРОДОВ МИРА (ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКАЯ ЛИТЕРАТУРА)
## 5.9.2 LITERATURE OF THE PEOPLES OF THE WORLD (TAJIK-PERSIAN LITERATURE)
## 5.9.2 АДАБИЁТИ ХАЛҚҲОИ ҶАҲОН (АДАБИЁТИ ФОРСУ ТОҶИК)

*УДК 821.21*
*DOI 10.24412/3005-849X-2024-4-37-42*

### *НУСХАҲОИ ТОҶИКИСТОНӢ ВА ӮЗБЕКИСТОНИИ “ҶАВОМЕЪ-УЛ-ҲИКОЁТ ВА ЛАВОМЕЪ-УР-РИВОЁТ”-И МУҲАММАД АВФИИ БУХОРОӢ*

***Агзамова Рухшона Эҳсоновна**, унвонҷӯи кафедаи забон ва адабиёти тоҷик, факултети забонҳои шарқи ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

### *ТАДЖИКИСТАНСКИЕ И УЗБЕКИСТАНСКИЕ РУКОПИСИ «ДЖАВАМЕ’-УЛ-ХИКАЙАТ ВА ЛАВАМЕ’-УР-РИВАЙАТ» МУХАММАДА АУФИ БУХАРИ*

***Агзамова Рухшона Эхсоновна**, соискатель каф. таджикского языка и литературы факультета восточных языков ГОУ “ХГУ им. Б. Гафурова” (Худжанд, Таджикистан)*

### *TAJIKISTAN AND UZBEKISTAN MESSAGES OF “JAWAMI’-UL-HIKAYAT WA LAWAMI’-UR-RIWAYAT” BY MUHAMMAD AWFI BUKHARI*

***Agzamova Rukhshona Ehsonovna**, claimant for Master’s degree at Tajik language and literature department, faculty of Oriental Studies, SEI “KhSU named after academician B.Gafurov” (Khujand, Tajikistan) **e-mail:** arukhshona84@gmail.com*

*Нусхаҳои хаттии “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт”- и тазкиранависи маъруфи адабиёти классикии тоҷик Муҳаммад Авфии Бухороӣ, ки дар китобхонаҳои ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон нигоҳдорӣ мешаванд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Таъкид шудааст, ки беш аз 70 дастнависи ин китоб дар махзани китобхонаҳои мамолики ҷаҳон, аз ҷумла Инглистону Фаронса, Русияву Эрон, Туркияву Покистон ва Олмону Австрия маҳфуз мебошанд. Баррасии нусхаҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон бар мабнои навию куҳнагӣ ва комилию нокомилии матн, анвои хат, қавоиди имлову расмулхат, ҳаҷму миқдори саҳафот, афтодагиву афзудагӣ ва мулҳақот анҷом дода, хулоса шудааст, ки нусхаҳои мазкур бар хилофи нусхаҳои муътабари китобхонаҳои Туркия, Русия, қисман Эрону Ҳиндустон ба сабабҳои мухталиф аз назари муҳаққиқону мураттибони “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” берун афтодаанд. Ба ҷуз ин, муайян карда шуд, ки нусхаҳои куҳани дигаре низ вуҷуд доранд, ки аз ҳар ҷиҳат қобили таваҷҷуҳ буда, бо қидмати расмулхат ва таърихгузорӣ имтиёз мекунанд.*

***Калидвожаҳо**: нусхаҳои хаттӣ, “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт”, Муҳаммад Авфӣ, нусхаҳои комил, нусхаҳои ноқис, анвои хат, ҳаҷму миқдори саҳафот*

*Рассматриваются рукописные списки «Джаваме’-уль-хикайят ва лаваме’-ур-ривайят» известного составителя тезкире в таджикской классической литературе Мухаммада Ауфи Бухари, хранящиеся в библиотеках Республики Таджикистан и Республики Узбекистан. Подчеркивается, что более 70 рукописей данной книги хранятся в*

*библиотеках разных стран мира: в Англии, Франции, России, Иране, Турции, Пакистане, Германии и Австрии. При изучении таджикистанских и узбекистанских списков названного произведения, ученые, взяв за основу особенности рукописей: старые это или новые, полные и неполные тексты, тип почерка переписчиков, специфику правил орфографии и каллиграфии, размер и количество страниц, утрату и прибавление страниц и приложений, приходят к выводу, что данные экземпляры рукописи, в отличие от списков, хранящихся в Турции, России и отчасти в Иране и Индии, по разным причинам остались вне поля зрения исследователей «Джаваме'-уль-хикайят». Также установлено, что существуют и более древние списки, заслуживающие внимания как отличающиеся древней орфографией и ценностью для историографии.*

***Ключевые слова:*** *рукописные списки, «Джаваме'-ул-хикайят», Мухаммад Ауфи, полные рукописи, неполные рукописи, стиль почерка, размер и количество страниц*

*The article dwells on the handwritten lists of "Jawame'-ul-hikayyat wa lawame'-ur-rivayyat" by the famous compiler of tezkire in Tajik classical literature Muhammad Awfi Bukhari, stored in the libraries of the Republic of Tajikistan and the Republic of Uzbekistan. It is emphasized that more than 70 manuscripts of this book are stored in libraries in different countries of the world: in England, France, Russia, Iran, Turkey, Pakistan, Germany and Austria. While considering on the Tajik and Uzbek copies of the noted work, scientists, taking as a basis the features of the manuscripts: whether they are old or new, complete or incomplete texts, the type of handwriting of the copyists, the specifics of the rules of spelling and calligraphy, the size and number of pages, the loss and addition of pages, come to the conclusion that these copies of the manuscript, along with reliable copies stored in Turkey, Russia and partly in Iran and India, for various reasons remained outside the field of view of researchers of the Jawame-ul-Hikayyat. It has also been established that there are more ancient lists that deserve attention as being distinguished by ancient spelling and value for historiography.*

***Key-words:*** *handwritten lists, "Jawami'-ul-hikayat," Muhammad Awfi, full manuscript, partial manuscript, handwriting style, size and number of pages*

Нусхашиносӣ аз ҷумлаи қисматҳои таркибии илми адабиётшиносӣ аст, ки ба масъалаи шинохти асолати матн ихтисос дошта, дар таҳқиқу муаррифии осори таърихиву адабии гузашта аз аҳаммияти хоса бархурдор мебошад.

Теъдоди бузурги дастхатҳои форсии тоҷикӣ, ки дар ақсои олам паҳну парешон аст, ҳосили ранҷу заҳматҳои донишмандони халқҳои эронинажод, аз зумраи котибону саҳҳофону китобфурӯшон, мебошад. Қисмате аз ин сарвати бебаҳо дар замонҳои гуногун дар натиҷаи ғоратгариҳои фарҳангии ақвоми бегона ба кишварҳои хориҷ интиқол ёфта, бештари нусхаҳои хаттӣ аз Ҳиндустону Эрону Туркия, Хуросону Мовароуннаҳр ва мамолики арабӣ ҷамъоварӣ ва ба мамолики Аврупо бурда шудаанд. Китоби "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт"-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ (асрҳои XII-XIII) низ дар ин миён истисно нест. Дастнависҳои ин китоб, ки аз 70 адад бештар аст, дар махзани китобхонаҳои Инглистону Фаронса, Русияву Эрон, Туркияву Покистон, Олмону Австрия ва кишварҳои дигар нигоҳдорӣ мешаванд.

Қисме аз ин дастхатҳои "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт" бар мабнои навию кӯҳнагӣ ва комилию нокомилии (костагии) матн, анвои хат, қавоиди имлову расмулхат, ҳаҷму миқдори сафаҳот, афтодагиву афзудагӣ ва мулҳақоти онҳо баррасӣ шудаанд.

Роҷеъ ба мухтассоти нусахи хаттии асари мазкур ва муаррифии онҳо муҳаққиқони "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт" дар рисолаҳои худ фаслҳои ҷудогона ихтисос додаанд, ки ағлаби онҳо хеле мухтасар буда, дар ҳадди маълумоти муқаддамотист.

Устоди забони форсии Донишгоҳи Усмонияи Ҳайдаробод доктор Муҳаммад Низомуддин аввалин пажӯҳишгаре аст, ки дар доираи имконоти худ 37 нусхаи “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт”-ро табақабандӣ ва ба таври иҷмолӣ тавсифу тавзеҳ намуд. Ӯ дар китоби худ “Муқаддимаи Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёти Садидуддин Муҳаммад Авфии Бухороӣ” фасли алоҳидае таҳти унвони “Замонбандӣ ва шарҳи нусхаҳои маъруфи “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” бо мақсади бозёфти матни муътамади аслӣ” (Chronological Arrangement and Description of All the Known Mss. of the Jawami’ul-Hikayat With a View to Establish a Standard Text) аз вуҷуди 37 нусхаи хаттие, ки дар китобхонаҳои ҷаҳон, хоссатан Аврупо, маҳфузанд, ёдрас шуда, дар ҳудуди 18 саҳифа шарҳи мухтасаре бар онҳо навиштааст (8, с.107-124). Маълумоти мавсуф аз чанд ҷиҳат қобили таваҷҷуҳ буда, ғолибан нусхаҳои хаттии китобхонаҳои Аврупоро фаро гирифтааст. Ӯ феҳристи 37 нусхаи “Ҷавомеъ”-ро, ки таърихи китобати онҳо дар фосилаи солҳои 699 ҳ. қ. то 1261 ҳ.қ. воқеъ гардидааст, манзур менамояд, ки қисме аз онҳо дорои мушаххасоти бештаре мебошанд.

Нусхаҳои китобхонаҳои мамолики Шарқ, ба вижа Эрон, аз ҷониби муҳаққиқи маъруф Муҳаммад Муин баррасӣ шудаанд [3]. Устод Муин дар хусуси 18 нусхае, ки дар китобхонаҳо ва ё дар ихтиёри ашхоси алоҳида қарор доранд ва қаблан доир ба онҳо маълумоте ба қайд наомадааст, ба таври иҷмолӣ сухан рондааст. Ҳамчунин, олими дигари эронӣ Бону Мусаффо зимни таҳияи матни интиқодии қисмҳои алоҳидаи “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” бо баъзе иловаҳо ба тафсифоти д-р Низомуддин ва Муҳаммад Муин нусхаҳои наверо низ мавриди назар қарор додааст [3].

Дар бораи нусхаҳои хаттии “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” дар китобхонаҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон адабиётшиносон С. Воҳидов [2], М. Бақоев [1], Ҳ. Сангова [5] изҳори назар кардаанд.

Олимоне, ки нусхаҳои аврупоиву эронии “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт”-ро таҳқиқ кардаанд, баъзе аз ин дастнависҳоро нусахи қадимтарин донистаанд. Сайре бар нусхаҳои китобхонаҳои дигар ошкор сохт, ки нусхаҳои куҳане низ вуҷуд доранд, ки аз ҳар ҷиҳат қобили таваҷҷуҳанд. Аз ҷумла нусхаҳои китобхонаҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон, ки бо қидмати расмулхат ва таърихгузорӣ имтиёз мекунанд.

Амри табиист, ки нусхаҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон низ, ба монанди нусахи китобхонаҳои ҷаҳон, аз нигоҳи сиҳҳати матн ва қидмати истинсох аз ҳам тафовут доранд. Ба қавли Муҳаммад Муин, “арзиши нусахи «Ҷавомеъ» ғолибан вобаста ба сиҳҳат ва таърихи таҳрири онҳост” [3].

Дар Тоҷикистон ду нусхаи хаттии “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” маълум аст, ки дар Осорхонаи хаттии АМИ Тоҷикистон нигоҳдорӣ шуда, дар феҳристи ин китобхона мушаххасоти онҳо сабт гардидааст. С.Воҳидов низ дар китоби худ, ки нусхаҳои “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт”- ро тавсиф кардааст, аз ин ду нусха ёдовар мешавад (2, с. 25).

Нусхаи 425 аз нусхаҳои ноқиси “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” маҳсуб шуда, аз чаҳор қисм танҳо қисми аввали китобро шомил аст. Нусха дорои 736 саҳифаи (аз рӯи маълумоти Сангова Ҳ. 1473 саҳифа) андозааш 26х15 ва ҳар саҳифа дорои 14-21 сатр буда, бо хати калони настаълиқи осиёимиёнагӣ (мовароуннаҳрӣ) дар коғази сайқалхӯрдаи хокистарии Хӯқандӣ китобат шудааст. Матни нусха дар баъзе авроқ уреб навишта шуда, унвонҳо ва алоим бо шангарф иҷро гардидааст. Дар ҳавошии нусха гоҳ-гоҳ қайдҳои котиб ҷой доранд. Муқоваи китоб осиёимиёнагии сиёҳ ва музайян бо нақшу нигор буда, дар рӯи нақш номи саҳҳоф Баҳруддин Хоҷа ва соли китобат - 1861 сабт шудааст (7, с.215).

Нусхаи дигар, ки таҳти шумораи 317 нигаҳдорӣ мешавад, нусхаи нисбатан комили “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” буда, ҳамаи чаҳор қисми китобро доро аст, ба истиснои боби 7 аз қисми 3 (иборат аз 17 ҳикоят), ки ҳазф шудааст. Нусха дорои 609 саҳифа (дар феҳристи нусхаҳои шарқии АУ ҶШСТ дорои 613 саҳифа омадааст) ва саҳифаҳо ба андозаи 28х19 ва

ҳар саҳифа дорои 25 сатр буда, таърихи анҷоми китобат дар охири қисми аввал (277а) соли 1612 зикр шудааст.

Нусха, инчунин, дорои як минётур ба андозаи 12,5х12,5 дар саҳ. 59а (дар Сангова Ҳ. –с.59б) дар қисми “Зикри подшоҳии Гуштосб” ва дар саҳифаҳои 70б ва 70а (дар Сангова Ҳ.–с.71а) ба андозаи ним саҳифа навиштаҷоти “сафҳаи холӣ ҷиҳати тасвир” гузошта шудааст, ки аз набарди Баҳроми Гӯр барои тоҷи подшоҳӣ ҳикоят мекунад. Ҳамчунин, дар саҳ.79 б дар қисмати “Дар зикри подшоҳии Парвиз ибни Ҳурмуз”, ҷое ки сухан аз тоҷу тахти Парвиз ва ганҷи бодовард меравад, ба андозаи 16х11 “барои тасвир холӣ монда” шудааст.

Ҳамаи қисмҳо, ба ғайр аз қисми чаҳорум, ки саҳифаҳои охири он афтодааст, бо пораҳои манзуми муаллиф, ки ба вазир Низомулмулки Ҷунайдӣ бахшидааст, хотима ёфтаанд. Матни нусха бо хати настаълиқи реза, вале возеҳу равшан дар коғази ғафси сайқалхӯрдаи шарқӣ навишта ва бо хатҳои тиллоранг ҳошиябандӣ шудааст. Муқоваи нусха ҷигарии ҷилодор буда, рӯкашҳои он бо нақшунигор ороиш ёфтаанд.

Ду саҳифаи поёнии китоб, ки бо мисраи: “Гар ҳама козиён чунин бошанд...” қатъ мешавад, аз байн рафтааст. Баъдтар шахсе саҳифаи аввал аз ин ду саҳфаро аз нав рӯйнавис кардааст. Ҳамчунин, ҳошияи саҳифаҳои аввали нусха навсозӣ шудаанд.

Теъдоди нусхаҳои китобхонаи Ӯзбекистон нисбатан зиёд мебошад. Дар “Феҳристи нусхаҳои шарқии Академияи улуми ҶШС Ӯзбекистон” (“Собрание восточных рукописей Академии наук Узбекской ССР”) нусхаҳои “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” тахти рақамҳои 309, 306, 308, 307, 6026 сабт шудаанд. Нусхаи 309 дар феҳристи Институти шарқшиносии ба номи Абурайҳони Берунии шаҳри Тошканд ба шумораи 6831 сабт гардидааст (6, ҷ.10,). Ваҷҳи ҷолиб дар ин нусха он аст, ки китобати он, ба эҳтимоли қавӣ,р асри XIII сурат гирифта, аз ҷумлаи нусахи қадим шуморида шудааст. Тавре ки омадааст: “... Описываемая рукопись собрания по-видимому, одна из старейших сохранившихся до наших дней; включает все четыре части с небольшими, сравнительно, имея в виду ее древность лакунами.” Ин нусха ҳама чаҳор қисми асарро дар бар мегирад ва дар шумули нусхаҳои комил аст (6, стр.4; 85). Аз нуқсонҳои ин нусха он аст, ки ибтидо ва муқаддимаи китоб 1а (дар ҳаҷми 325 сатр) аз миён рафтааст. Дар қисми чоруми китоб бобҳои 24 ва 25 ҳазф шудаанд. Нусха аз 438 варақ ба андозаи 22,5х30 ва 33 сатр, бо иловаи 9 варақ дар аввал ва 14 варақ дар охир иборат аст ва қайдҳои арзишманде дорад, ки дар коғази нав илҳоқ шудаанд. Бо имлои куҳан ва хати насхи сулси қадима, ки баъзе аз ҳуруфот ва калимаҳо бо навишти хос фарқ мекунанд, китобат шудааст. Чунончи: кӣ ба ҷои ки, ҳарфи зол ба ҷои дол, пешоянди ар ба ҷои аз, истифодаи “ро”-и зоид ва “ро”-и пайваст ва ғ.

Коғази нусха ғафси сайқалдодашудаи шарқӣ, беқира, ҷигаритоб буда, гӯшаҳои поёнии варақ андаке мӯрт шудааст. Матни китоб бо хатти зич китобат шуда, саҳифаҳо бо ду хатти дуқабатаи сурх ҳошиябандӣ гардидаанд. Сарлавҳҳо асосан бо ранги сурх ва гоҳе бо рангҳои сабз, зард ва сиёҳ забт гардидаанд. Нусха, ҳарчанд ба қидмати он шубҳае нест, то ҳол накд нашудааст. Ин дастхатти комил ва қадима дар мавриди таҳқиқ ва нашри китоб хеле судманд хоҳад буд.

Бино ба вижагиҳои имло ва одоби хушнависӣ, нусхаи мазкурро наздик ба замони зиндагии Муҳаммад Авфӣ (а.XIII) донистаанд.

Нусхаи 306 дар фехристи мазкур ба шумораи 6832 сабт шуда, нусхаи комилест, ки ҳамаи чор қисмро дар бар дорад. Бо хати хонои настаълиқи осиёимиёнагӣ дар коғази ғафси зардгун китобат шуда, ҳарчанд тазйини дастнавис анҷом наёфтааст, нусха қобили таваҷҷуҳ ва истифода аст. Нусхаи мазкур тақрибан дар асрҳои XVI-XVII дар Осиёи Миёна истинсох шудааст.

Нусхаи 307 низ дар феҳристи Институти шарқшиносии ба номи Абӯрайҳони Берунӣ (“Собрание восточных рукописей Академии наук Узбекской ССР”) тахти шумораи 6834

ба қайд омада, чаҳор қисми китобро дар бар мегирад. Бо хати настаъликӣ бухороии мирзоӣ, гоҳе дар коғази дағалтар бо хати бад китобат шудааст. Котиби нусха Ниёзмуҳаммад ибни Муҳаммад Шокири Ғиждувонӣ (аз Харканрӯд) қайд шуда, таърихи хатми китобат барои қисми 1 – ҷумодиюл аввали соли 1160/маи 1747, қисми 2 – зулҳиҷҷаи соли 1160/декабри 1747, қисми 3 – чоруми рамазони соли 1161/29 августи 1748 сабт гардидааст. Анҷомаи ҳар чаҳор қисм соқит шуда, дертар аз ҷониби Носириддини Бухорӣ дар соли 1316/1898 он аз нав китобат карда шудааст. Саҳифабандии нусха ва муқоваи чармин ба дасти саҳҳофи нусха Муҳаммад Алим ибни Мулло Нақӣ (Тақӣ) иҷро шуда, нусха иборат аз 714 варақ ба андозаи 25х39 ва мулҳақот дар 4 варақ дар ибтидо ва 3 варақ дар интиҳо мебошад.

Нусхаи 308 (дар феҳристи мазкур шумораи 6833) нусхаи хуби ҳиндӣ аст, ки ҳамаи чор қисми китобро фаро мегирад. Дорои 596 варақ, ба андозаи 20,5х32,5 буда, муқаддима афтодааст. Дар оғози китоб сарлавҳа бо ранги сурх сабт шудааст. Бо хати настаъликӣ ҳинду форсӣ аз ҷониби чанд котиб дар коғази шарқии (нафиси) тунуки ҷигарӣ истинсох шуда, сарлавҳҳо бо ранги сурх ва матну ҳавошӣ бо хатҳои дуқабатаи сурху сабз оро дода шудаанд. Бобҳо номуназзам ҷойгир шуда, чунончи боби 25 аз қисми аввал дар оғоз омадааст. Таърихи китобати ин нусхаро тақрибан соли 1700 [1111] муайян кардаанд [6, т.10, с.88].

Нусхаи 6026 ба шумораи 6835 нусхаи начандон қадимист, ки қисми аввали он вуҷуд надорад. Танҳо се қисми дигари китоб – қисмҳои ду, се ва чор маҳфуз монда, он дорои 564 варақ мебошад, бо иловаи 3 варақ дар ибтидо ва 3 варақ дар интиҳои китоб дар коғази хокистарии шарқӣ бо хатти настаъликӣ мирзоӣ ва сарлавҳҳо бо ранги сурх китобат ва бо рангҳои тиллоӣ ҳошиябандӣ шудааaст. Унвонҳои қисмҳои ду ва сеи китоб бо рангҳои зарҳалӣ ва лоҷвардӣ оро ёфтаанд. Таърихи анҷоми китобат соли 1279/1862 дар Бухоро сабт шудааст [6, т.10, с.89].

Нусхаҳои мазкури тоҷикистонӣ ва ӯзбекистонӣ дар радифи нусхаҳои муътабари китобхонаҳои Туркия, Русия, қисман Эрону Ҳиндустон то ҳол ба доираи муомилоти илмии ховаршиносону нусхашиносон ворид нагардида, ба сабабҳои мухталиф аз назари муҳаққиқону мураттибони “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” доктор Низомиддин, Маликушшуаро Баҳор, Муҳаммад Муин, Бону Мусаффо ва Ҷаъфари Шиор берун афтодаанд. Муаммоҳои зиёди матн ва нусхаҳои “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт”, аз қабили рангорангии танзими сохтори дарунии китоб, аз ҷониби носихон, унвонбандии бобҳо ва пасомаду басомади ҳикоёт, вижагии таърихгузорӣ дар нусахи мухталиф, мансубияти нусхаҳо ба ҳавзаҳои хушнависӣ, ҳазфи бобу ривоёти алоҳида, ҳамчунин, мушкилоту ихтилофи фаровон дар имлои китобати нусах тақозо менамояд, ки дастнависҳои мазкури осиёимиёнагӣ, ки ба қидмати баъзе аз онҳо ҳеҷ ҷои шубҳа нест, бо ҷамеи нусахи дигар муқобала шуда, дастнависҳои мавриди истинсох, нусхаҳои хешованд ва мунтаҳо нусхаи модар муайян карда шавад. Посух ба бисёре аз суолҳо аз корбандии чунин усули нигаришу пажӯҳиш пайдо хоҳад шуд. Бо итминон метавон афзуд, ки таҳқиқи илмии нусхаҳои тоҷикистонӣ ва ӯзбекистонии “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” саҳифаи наверо дар нусхашиносии осори адабии классикӣ ва шинохту маърифати саҳеҳи ин асари энсиклопедии Муҳаммад Авфии Бухороӣ боз хоҳад кард.

## *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Авфӣ, Муҳаммад. Гулчини Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт [Матн]/М. Авфӣ; Тартибдиҳанда ва муаллифи муқаддима М.Бақоев. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 172 с.*
2. *Вохидов С. Жизнь и творческое наследие Мухаммада Авфи / С. Вохидов. – Душанбе: Дониш,1989. – 168 с.*
3. *Муин, Муҳаммад. Тарҷумаи аҳволи Авфӣ. Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёти*

*Садидуддин Муҳаммад Авфӣ. – Теҳрон, 1340. – С. 1-80.*
4. *Мусаффо, Амирбону. Муқаддимаи мусаҳҳеҳ. Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёти Садидуддин Муҳаммад Авфии Бухорой. – Теҳрон: Интишороти Бунёди фарҳанги Эрон,1352. – С.95-116.*
5. *Сангова, Ҳ. Таркиб ва мундариҷаи "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" [Матн]: дисс. номз. илм. филол./ Ҳ. Сангова. – Душанбе, 2003. – 169 с.*
6. *Собрание восточных рукописей Академии наук Узбекской ССР. Т.10. – Ташкент: Фан, 1975. – 707 с.*
7. *Собрание восточных рукописей АН ТаджССР. Т.5 – Душанбе, 1974. – С. 215.*
8. *Каталог Фонда Института рукописей. Т.2 – Ташкент, 1988. – 412 с.*
9. *Nizamuddin, Muhammad. Introduction to the Jawami ul-hikayat wa lawami ur-riwayat of Sadidud-Din Muhammad Al-Awfi. London: Luzac,1929. - 613 p.*

**REFERENCES:**

1. *Awfi, Muhammad. Selection of Jawami' ul-hikayat. Compiler and Preface Author Baqoev M. – Dushanbe: Irfon, 1966. – 172 pp.*
2. *Vohidov S. The Life and Creative Heritage of Muhammad Awfi. Dushanbe: Donish, 1989. - 168 pp.*
3. *Muin, Mihammad. Awfi's Biography. Jawami'ul hikayat wa lawami ur riwayat of Sadiduddin Muhammad Awfi. - Tehran, 1340.- pp. 1-80.*
4. *Musaffo, Amir Bonu. Introduction of the author. Jawami'ul hikayat wa lawami' ur riwayat of Sadiduddin Muhammad Awfi. – Tehran: Background of Iran Culture,1352. PP.95-116*
5. *Sangova, H. The Structure and Content of "Jawami'ul hikayat"// Disser. of candidate of philological sciences. – Dushanbe, 2003. - 169 pp.*
6. *Collection of Oriental Manuscripts of Academy of Sciences of Uzbek SSR, V.10. –«FAN» Editing House, Tashkent, 1975. – 707pp.*
7. *Collection of Oriental Manuscripts of Academy of Sciences of Tajik SSR, V.5 – Dushanbe, 1974, PP. 215*
8. *Catalogue of the Institute of Manuscripts Foundation, V.2.– Tashkent, 1988. – 412 pp.*
9. *Nizamuddin, Muhammad. Introduction to the Jawami ul-hikayat wa lawami ur-riwayat of Sadidud-Din Muhammad Al-Awfi. London: Luzac,1929. - 613 pp.*